**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 03.04.2025, № 90

Барои сазовор донистани Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 26-уми декабри соли 2024, суратмаҷлиси № 75 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода 23-юми октябри соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 2008 факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо дипломи «аълочӣ» аз рӯйи ихтисоси журналистика хатм намудааст.

Соли 2010 рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Мавқеи матбуоти иттиҳодиявӣ дар журналистикаи муосири тоҷик» зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Асадулло Саъдуллоев ҳимоя намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2024 то имрӯз дотсенти кафедраи технологияи васоити ахбори оммаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ: Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Хоҷазод Саидмурод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи

давлатии омўзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Ҳасанова Тахмина Ғаюровна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи миллӣ ва байналмилалии факултаи филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳо Муллоев Ш.Б., эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессор Абдуллозода М.А., котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мансурова Б.С. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.Қ. тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи доктории Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур бевосита иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 4 монография ва 32 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Монографияҳо:

[1-М]. Хамидов, И. И. Корпоративная пресса Таджикистана. Монография / И. И. Хамидов. – Душанбе, 2010. – 216 с.

[2-М]. Хамидов, И. И. Место корпоративной прессы в современной таджикской журналистике. Монография / И. И. Хамидов. – Саарбрюккен: LAP Publishing, Германия, 2011. – 168 с.
[3-М]. Хамидов, И. И. Корпоративные СМИ: гипотезы, парадигмы и взгляд в современность. Монография / И. И. Хамидов. – Душанбе, 2012. – 96 с.
[4-М]. Хамидиён И. И. Теоретическое осмысление и реализация маркетинговых целей корпоративных СМИ Таджикистана. Монография / И. И. Хамидиён. – Душанбе, 2022. – 208 с.

## II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[5-М]. Хамидов, И. И. Корпоративная пресса в Таджикистане: исторические хроники и приоритеты / И. И. Хамидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2013. – №4/4 (116). – С. 274-280.
[6-М]. Ҳамидов, И. И. Нашрияҳои донишгоҳӣ – пойдевори ташаккули матбуоти корпоративӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли ҳафтаномаи «Омӯзгори ҷавон» / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – №4/3 (137). – С. 257-259.
[7-М]. Ҳамидов, И. И. ВАО-и соҳавии Тоҷикистон: ҳолати умумӣ ва дурнамо / И. И. Ҳамидов // Номаи донишгоҳ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2014. – №4 (41). – С. 80-82.
[8-М]. Ҳамидов, И. И. Нигоҳе ба моҳият ва вазифаҳои матбуоти соҳавӣ / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – №4/2 (163). – С. 268-272.
[9-М]. Ҳамидов, И. И. Имиҷмейкинг ва нақши телевизион дар шаклгирии он (дар мисоли хизматҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлолият) / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/5. – С. 280-283.
[10-М]. Ҳамидов, И. И. Фаъолмандии ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар инъикоси мавзӯи ваҳдати миллӣ / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 267-270.
[11-М]. Хамидиён, И. И. Система корпоративных СМИ как совокупность типов или таджикские многотиражки как попытка патриотического воздействия на коллектив / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского

национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 326-330.

[12-М]. Хамидиён, И. И. Коммуникационные компоненты PR-текста в корпоративных СМИ Таджикистана: сохранение позиций и восприятие информации / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 395-399.

[13-М]. Хамидиён, И. И. Классификация корпоративных СМИ и их активность в анализе повестки дня (опыт Таджикистана на примере темы национальное единство) / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 434-438.

[14-М]. Хамидиён, И. И. Университетское и корпоративное радио- и телевещание: новые каналы распространения контролируемого контента в Таджикистане / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. – №1. – С. 204-218.

[15-М]. Хамидиён, И. И. К вопросу о функциях и сравнительных характеристик корпоративных СМИ / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 234-239.

[16-М]. Хамидиён, И. И. Корпоративная медиаконцепция: практические и эстетические требования в условиях Таджикистана / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. – №5. – С. 292-301.

[17-М]. Хамидиён, И. И. Теоретическое осмысление создания корпоративного сайта: реализация маркетинговых целей / И. И. Хамидиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 305-311.

[18-М]. Ҳамидиён, И. И. Сомонаҳои корпоративӣ ва асосҳои амалии онҳо ҳамчун фишанги тавоно ва субъекти таъсир дар Тоҷикистон / И. И. Ҳамидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №2. – С. 272-282.

[19-М]. Ҳамидиён, И. И. Иштироки ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар иҷтимоикунонии тиҷорат. Таҳлили назаривӣ-амалӣ / И. И. Ҳамидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 254-262.

[20-М]. Ҳамидиён, И. И. Маҷаллаҳои бортӣ дар низоми ВАО-и корпоративӣ / И. И. Ҳамидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №3. – С. 241-248.
[21-М]. Ҳамидиён, И. И. Муҳтавои расонаҳои онлайнии Тоҷикистон дар шабакаи иҷтимоии фейсбук / И. И. Ҳамидиён, М. М. Тӯхтаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №7. – С. 330-336.

**III. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[22-М]. Хамидов, И. И. Корпоративные СМИ: явления, PR, реклама или инструмент? / И. И. Хамидов // Молодежь и современная наука. – Душанбе, 2012. – С. 13-20.
[23-М]. Хамидов, И. И. Реклама в таджикской печати: уроки истории и взгляд в современность / И. И. Хамидов // Татищевские чтения: актуальные проблемы науки и практики. Гуманитарные и социальные науки, образование. Часть III. – Тольятти, 2012. – С. 285-290.
[24-М]. Хамидов, И. И. Корпоративная сеть как важнейшая составляющая корпоративных СМИ / И. И. Хамидов // Молодежь и современная наука. Часть 2. – Душанбе, 2012. – С. 150-156.
[25-М]. Хамидов, И. И. Специфика журналистского текста, рекламы и PR в корпоративных изданиях Таджикистана / И. И. Хамидиён // Молодежь и современная наука. Часть 1. – Душанбе, 2013. – С. 222-234.
[26-М]. Хамидов, И. И. Вехи истории корпоративных СМИ Таджикистана (на примере корпоративной прессы) / И. И. Хамидов // Научные исследования и разработки молодых ученых. Сборник материалов III Международной молодежной научно-практической конференции. – Новосибирск, 2015. – С. 12-16.
[27-М]. Ҳамидиён, И. И. ВАО-и иттиҳодиявии Тоҷикистон ва инъикоси мавзӯи ваҳдати миллӣ / И. И. Ҳамидиён // Дар моварои сухан. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. Қисми 1. – Душанбе, 2018. – С. 68-77.
[28-М]. Хамидиён, И. И. Корпоративная пресса Таджикистана: вехи истории / И. И. Хамидиён // Корпоративные СМИ: история, теория, практика. Сборник научных статей. – Екатеринбург, 2019. – С. 185-192.
[29-М]. Хамидиён, И. И. PR-текст в корпоративных СМИ Таджикистана: концептуальные дефиниции / И. И. Хамидиён // Материалы международной научно-практической конференции «Медиалингвистика и стилистика: проблемы и перспективы», посвященная 85-летию профессора Бахриддина Камолиддинова. 22-23 октября 2020 года. – Душанбе, 2020. – С. 87-94.

[30-М]. Ҳамидиён, И. И. Усулҳои самараноки кор бо ВЭА ва истифодаи технологияи муассир дар шароити муосир иттилоот / И. И. Ҳамидиён // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир». – Кӯлоб, 2021. – С. 299-303.
[31-М]. Хамидиён, И. И. Отраслевой характер корпоративных СМИ Таджикистана и исторические перипетии / И. И. Хамидиён // Материалы 11-й международной научно-практической конференции на тему «Научные исследования в XXI веке» (6-8 марта 2022 года). – Оттава, Канада, 2022. – С. 206-215.
[32-М]. Хамидиён, И. И. Профессиональное журналистское образование и перспективы интернет - журналистики / И. И. Хамидиён // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы филологии и журналистики» (27 октября 2022 года). – Душанбе: РТСУ, 2022. – С. 463-467.
[33-М]. Хамидиён, И. И. Современная система интернет-изданий в Таджикистане: практический анализ / И. И. Хамидиён // Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики. Материалы международной научно-практической конференции (10 ноября 2023 г.). – Душанбе: РТСУ, 2023. – С. 334-338.
[34-М]. Хамидиён, И. И. Формирование корпоративной культуры путём корпоративного вещания в Таджикистане / И. И. Хамидиён // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Стилистика и медиалингвистика: проблемы и перспективы» (07 мая 2024 года) – Душанбе, 2024. – С. 254-264.
[35-М]. Хамидиён, И. И. Растущий доступ к интернету и проблемы развития интернет-изданий в Таджикистане / И. И. Хамидиён // Воситаҳои ахбори омма пас аз Иҷлосияи таърихӣ. – Душанбе, 2024. – С. 123-126.
[36-М]. Хамидиён, И. И. Рациональный подход к высокоэффективным средствам формирования корпоративной культуры и корпоративное вещание в Таджикистане / И. И. Хамидиён // Актуальные проблемы журналистики и компоративистики. – Душанбе: РТСУ, 2024. – С. 25-35.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, номзади илмҳои сиёсӣ, доктори илмҳои фалсафа **Фаттоҳзода Саидмурод Самад** мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки автореферати

диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Ба назари муқарриз, пажуҳиши Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода яке аз дастовардҳои муҳимми журналистикаи муосири тоҷик буда, арзиши баланди илмию амалӣ дорад. Ҳамзамон, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

1. Таҳлили маводи матбуоти иттиҳодиявии солҳои 60-70 камтар истифода шудааст, ҳарчанд дар ин бобат ишораҳо мавҷуданд.
2. Асосноккунии илмии хулосаи 19-уми муаллифро ба манфиат медонем.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсент, муовини сардори Маркази таълимии авиатсионии КВД «Тоҷикаэронавигатсия» **Афсаҳзод Аббоси Аълохон** низ мусбат буда, дар он автореферат ва диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода пажуҳиши тоза ва анҷомёфта маънидод мешавад. Ҳамзамон, дар баробари зикри дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

1. Ба назари инҷониб, ҳама гуна ёдрасӣ аз афроди ҷудогонаи ҷомеа дар ВАО худ вазифаи рӯнамоиву ташвиқи имиҷӣ буда метавонад ва ҳеҷ зарурати ташвиқу тарғиби алоҳидаи роҳбаре бидуни навгонии тақдирсоз вуҷуд надорад, хосса вақти таҳияи нашри навбатии рӯзнома ё маҷалла. Аз ин хотир, ҳазфи банди 11 хулоса ҳам ба маврид мебуду ҳам шоиста.
2. Такрори назар ва тазйи калом дида мешавад, ки чун намуна метавон хулосаҳои 16 ва 17-ро ёдрас шуд. Беҳтар мебуд, агар он ду тавъам мебуданд ва зарофатро беҳтар месохтанд.

**3.** Дар **тақризи** доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** қайд шудааст, ки дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат доманаи хулоса ва тавсияҳои кор фарроҳ бошад ҳам, зиёд намудани онҳо аз аҳаммият холӣ нест.
2. Ҷасорати муаллиф дар хулосаҳои ҳар боб тақвият мехоҳад.

**4. Дар тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори факултаи PR ва менеҷменти Донишгоҳи журналистика ва мухобироти оммавии Ӯзбекистон **Қосимова Наргис Суннат кизи** иртиботи ҳасанаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои дӯсту ҳамҷавор баён гардида, иброз мешавад, ки дар автореферат таҳлил маҷмуӣ ва гоҳе фарроҳ сурат гирифтааст. Ба сифати предмети таҳқиқ вижагиҳои ташаккул ва рушди ВАО-и корпоративӣ ҳамчун як навъи рушдёбандаи журналистика ва механизмҳои татбиқи вижагиҳои мазкур дар доираи консепсияҳои мухобиротии ВАО баррасӣ шудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- мавқеи ВАО-и корпоративӣ дар низоми муосири васоити ахбори оммаи Тоҷикистон **таҳқиқ гардидааст**;
- нақши махсуси ВАО-и корпоративӣ дар ташаккули муколама ва муносибатҳои эътимодбахш, ки ба марҳилаи кунунии рушди ҷомеа мувофиқат мекунанд ва ба самаранокии муошири дохилӣ таъсири хос доранд, **муайян шудааст**;
- усулҳо ва воситаҳои бунёди имиҷи ширкат тавассути таъсиси ВАО-и корпоративӣ **мушаххас** ва заминаҳои пайдоиш ва мавқеи матбуоти соҳавӣ дар низоми ВАО-и корпоративӣ **таҳқиқ гардидааст**;
- хусусиятҳои рушди ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон **баррасӣ шуда,** вижагиҳои функсионалӣ, сохтор ва шакли ВАО-и корпоративии намудҳои гуногун **таҳқиқ** ва **таҳлил гардидаанд**;
- реклама ва матнҳои PR дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон **таҳқиқ гардида,** вижагии ташаккули фарҳанг ва этикаи ВАО-и корпоративӣ **баррасӣ шудааст**;
- жанрҳои ВАО-и корпоративӣ **мушаххас гардида**, сомонаҳои корпоративӣ ҳамчун воситаи муассири менеджмент ва маркетинг **таҳлил шудаанд**;
- нақши расонаҳои корпоративӣ дар иҷтимоикунонии тиҷорат **собит гардидааст**;
- вазифаҳои асосии радио ва телевизиони корпоративӣ **таҳқиқ шудааст**;
- ҷойгоҳи маҷаллаҳои ҳавопаймоӣ (бортӣ) ҳамчун як намуди ВАО-и корпоративӣ **собит гаштааст**;
- нақши сомонаҳо дар фазои ВАО-и корпоративӣ **исбот шудааст**;
- таҷрибаи нашри ВАО-и корпоративӣ аз нигоҳи интиқодӣ **асоснок гардида,** авлавиятҳо, мавқеъ ва дурнамои рушди ВАО-и корпоративӣ дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон **таҳқиқ шудаанд**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масоили назарии дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда барои возеҳ сохтани масъалаҳои гуногуни ВАО-и корпоративӣ, таҳаввул ва ташаккули онҳо, омилҳои густариши ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ мусоидат менамоянд. Бори нахуст дар таърихи илми журналистикаи ватанӣ муҳимтарин масъалаҳои рушди ВАО-и корпоративӣ аз нигоҳи муосир асоснок ва таҳқиқ карда шуданд. Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд барои рушди журналистикаи корпоративӣ дар Тоҷикистон такони иловагӣ бахшанд. Тавсияҳои диссертатсия дар асоси инкишофи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ

бунёд гардида, ба баланд бардоштани самаранокии кори ВАО-и корпоративӣ мусоидат мекунанд. Маълумоти ҷамъоваришуда, ҷамъбастгардида ва ба низом даровардашуда хусусияти равандҳои ташаккул ва рушди ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистонро дар асоси назарияи маъмул ошкор ва мушаххас менамояд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ таҷрибаи таҳқиқии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Саъдуллоев А., Нуралиев А., Камолиддинов Б., Усмонов И. К., Имомзода М. С., Азимов А. Х., Муродӣ М. Б., Муқимов М. А., Абдуллозода М. А., Саъдуллоев Ҷ. М., Солеҳов Н. Н., Муллоев Ш. Б., Муъминҷонов З., Ҷӯраева М. Р., Қутбиддинов А. Ҳ., Фаттоҳзода С., Бобоҷониён Р. М., Мухторӣ Қ., Бозорзода Н. Ш., Ҳасанова Т., Хоҷазод С., Мирзоева М. М., Мирзоева М. Ҷ., Ҷумъаев М. О., Афсаҳзод А. А., Раҳимов А. А. ва олимони рус Засурский Я. Н., Вартанова Е. Л., Прохоров Е. П., Цвик В. Л., Горохов М. В., Шилина М. Г., Гринберг Т. Э., Щепилова Г. Г., Назайкин А. Н., Евставфьев В. А., Горчева А. Ю., Мурзин Д. А., Чемякин Ю. В., Колесниченко А. В., Корконосенко С. Г., Рагулина Ю. В., Муратова С. А., Юрков А. А., Макеенко М. И., Ножина Е. А., Аникина М. Е., Выpковский А. В., Агафонов Л. С. ва дигарон васеъ истифода шудааст.

Диссертатсия дар асоси методҳои таҳлилӣ (ҳисобот, мусоҳиба, пурсишнома), умумиилмӣ (суҳбат, шарҳ, тақриз, мақола), иҷтимоӣ (анкета, мониторинг, рейтинг), мушоҳида, индуксия, дедуксия, сохторӣ-функсионалӣ, муқоисавӣ, ҷамъбасти таҷрибавӣ ва назариявӣ навишта шудааст. Ҷиҳати таъмини эътимоднокии тавсияю хулоса ва пешниҳодҳо методҳои умумии мантиқӣ (таҳлил, синтез ва муқоиса) истифода шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба баланд бардоштани донишҳои соҳавӣ дар бораи ВАО-и корпоративӣ ва татбиқи мақсад ва вазифаҳои онҳо мусоидат карда, маводи диссертатасияро зимни қироати курсҳои лексионӣ оид ба низоми ВАО, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба ВАО-и корпоративӣ дар факултаҳо ва кафедраҳои журналистикаи мактабҳои олии Тоҷикистон ва тартиб додани воситахои таълимӣ метавон истифода бурд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия барои васеъ намудани доираи иттилоот дар бораи ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ҳамчун як намуди ВАО заминаҳои заруририро фароҳам меорад. Истифодаи маводи таҳқиқ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои нашр ва паҳн намудани ВАО-и корпоративии худро дубора таҷдид намоянд ва самаранокии кори онҳоро беҳтар созанд. Маводи таҳқиқ метавонад барои

омӯзонидани хусусиятҳои ВАО-и корпоративӣ дар донишгоҳҳо ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони ин соҳа истифода шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи рӯзноманигорони ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқи пурраи мавзуъ, иртиботи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад, вазифа, фарзия, давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ ифода меёбад. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи зарурӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани китобу монографияҳо ва мақолаҳо мустақилият зоҳир кардааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Масъалагузории таҳқиқ бо назардошти воқеияти нашр ва паҳни ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 3-юми апрели соли 2025 дар бораи сазовор донистани Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, № 360/шд), аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа ҳузурдошта дар овоздиҳии пинҳонӣ 15 нафар доктори илм иштирок намуд. Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

03.04.2025